Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079-и назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33)

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ
## ба диссертатсияи Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф «Сиёсати иттилоотӣ ҳамчун омили самаранокии идоракунӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқоти Ҷ.М. Сафарзода ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмии 5.6.2 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ пурра мувофиқат мекунад, зеро он ҷанбаҳои ниҳодӣ ва технологӣ-сиёсии равандҳои идоракуниро дар заминаи сиёсати иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф дар рисолаи худ нақши иттилоотро ҳамчун омили таҳкимбахши низоми сиёсӣ ва идораи давлатӣ таҳлил намуда, механизмҳои татбиқи технологияи иттилоотию коммуникатсиониро дар фаъолияти ниҳодҳои ҳокимият асоснок кардааст.

Дар сохтори кор бахшҳои алоҳида ба таҳлили заминаҳои назариявию методологии сиёсати иттилоотӣ, воқеияти он дар замони соҳибистиқлолӣ ва нақши он дар самаранокии идоракунии ҷомеа бахшида шудаанд, ки ин мустақиман ба самтҳои таҳқиқи ихтисоси мазкур, хусусан ба ниҳодикунони равандҳои сиёсӣ ва технологияи идоракунии муосир рабт дорад. Таҳқиқи ниҳодҳои сиёсӣ дар робита бо амнияти иттилоотӣ ва идоракунии электронӣ мутобиқати пурраи корро ба самтҳои илмии зикршуда тасдиқ менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар шароити рушди босуръати ҷомеаи иттилоотӣ ва раванди рақамикунонӣ, таҳкими истиқлоли иттилоотӣ ва идораи дурусти фазои иттилоотӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти стратегӣ ва ҳаётӣ пайдо кардааст. Иттилоот дар ҷаҳони муосир ба неруи таъсиррасони сиёсӣ ва манбаи муҳимми идораи давлатӣ табдил ёфтааст, ки баррасии он барои таъмини устувории низоми сиёсӣ ва амнияти миллӣ зарурати таъхирнопазир дорад.

Гузариш ба марҳалаи сифатан нави ташаккули низоми давлатдорӣ, ки дар он технологияи рақамӣ ва идоракунии электронӣ ҷойгоҳи калидӣ доранд, шарти муҳимми таъмини рақобатпазирии миллӣ ба шумор меравад. Аз назари муаллиф, дар шароити таҳдидҳои навини киберӣ ва ҷангҳои иттилоотӣ, таҳқиқи механизмҳои сиёсати иттилоотӣ ҳамчун

омили самаранокии идоракунӣ имкон медиҳад, ки асосҳои методологии ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар фазои маҷозӣ таҳия гарданд.

Тағйироти густурда дар сохторҳои идораи давлатӣ ва фазои рақамии ҷаҳонӣ заруратеро ба миён овардаанд, ки масъалаи идоракунии иттилоот дар доираи низоми миллӣ ба таври амиқ ва илмӣ баррасӣ шавад. Таҳқиқи ин масъала мубрамии худро дар раванди танзими равандҳои сиёсӣ ва баланд бардоштани сатҳи шаффофияти фаъолияти сохторҳои давлатӣ дар Тоҷикистон собит месозад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муаллиф бори аввал заминаҳои назариявӣ-методологии сиёсати иттилоотониро дар робита бо воқеияти замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба таври муфассал таҳқиқ намуда, моҳият ва таҳаввули назарияҳои ин соҳаро ба таври илмӣ нишон додааст. Дар рисола масъалаи баҳампайвастии сиёсати иттилоотӣ ва амнияти иттилоотӣ дар шароити нави дигаргуниҳои ҷомеа асоснок карда шуда, самтҳои рушди онҳо муайян гардидаанд.

Инчунин, дар кор дурнамои сиёсати иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шуда, муҳиммии он барои таҳкими раванди идоракунии давлатӣ дар заминаи таҳлилҳои илмӣ исбот шудааст. Муаллиф тавонистааст, ки хусусиятҳои хоси гузариши сиёсати иттилоотиро аз шаклҳои анъанавии таблиғот ба тарҳҳои мураккаби мубодилаи рақамии иттилоотӣ дар шароити Тоҷикистон нишон диҳад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи васеи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қонунҳо ва стратегияҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз ҷумла Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотӣ, Стратегияи миллии рушд то соли 2030 ва ғ.) тасдиқ мегардад. Муаллиф дар асоси таҳлили амиқи 176 номгӯйи адабиёти илмии ватаниву хориҷӣ хулосаҳои худро пешниҳод намудааст.

Асоснокии илмии кор бо истифодаи маҷмӯи методҳои умумиилмӣ, аз қабили методҳои таърихӣ, институтсионалӣ, системавӣ ва муқоисавӣ таъмин карда шудааст. Истифодаи ин методҳо имкон додааст, ки нақши акторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар таҳия ва татбиқи сиёсати иттилоотӣ ба таври воқеӣ арзёбӣ гардад.

Эътимоднокии кор инчунин бо он асоснок мешавад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ омода шуда, дар амалияи таълимӣ ва конференсияҳои илмӣ мавриди баҳс ва санҷиш қарор гирифтаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки хулосаҳои бадастомада барои пажӯҳиши минбаъдаи масъалаҳои сиёсати иттилоотӣ ва рушди ҷомеаи

иттилоотӣ дар илмҳои сиёсии ватанӣ ҳамчун манбаи муҳимми назариявӣ хизмат мекунанд.

Аҳамияти амалии кор дар он зоҳир мегардад, ки тавсияҳои муаллиф дар фаъолияти институтҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини амнияти миллӣ ҳангоми таҳияи барномаҳо ва стратегияҳои рушд истифода шуда метавонанд. Натиҷаҳои таҳқиқот ба самаранокгардонии идоракунии сиёсӣ, таҳкими идоракунии электронӣ ва баланд бардоштани маърифати иттилоотии аҳолӣ мусоидат менамоянд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 7 кори илмии муаллиф инъикос ёфтаанд, ки ин ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ (КОА) комилан ҷавобгӯ мебошад. Аз ҷумла, муаллиф 3 мақолаи илмиро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст.

Мақолаҳои дар маҷаллаҳои КОА нашршуда ҷанбаҳои муҳимми назариявию методологии сиёсати иттилоотӣ, нақши воситаҳои иттилоотиро дар муносибатҳои сиёсӣ ва масъалаҳои идоракунии сиёсиро дар шароити ҳукумати электронӣ фаро мегиранд. Ин нишон медиҳад, ки натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқот мавриди тақризи ҷиддии илмӣ қарор гирифтаанд.

Ғайр аз ин, 4 мақола ва фишурдаи маводҳо дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр шудаанд, ки дар онҳо масъалаҳои амнияти иттилоотӣ ва киберҷиноятҳо баррасӣ гардидаанд. Нашри маводҳо дар шаҳрҳои Бохтар ва Душанбе аз фаъолияти густурдаи илмии довталаб шаҳодат медиҳад.

Дар маҷмуъ, нашри натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳад, ки муаллиф дар давоми фаъолияти илмии худ ҳолатҳои асосии диссертатсияро ба доираҳои илмӣ муаррифӣ намуда, саҳми шахсии худро дар баррасӣ ва таҳлили мавзуъ собит сохтааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

1. Сафарзода Ҷ.М. Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии “сиёсати иттилоотонӣ” ва махсусиятҳои амалигардонии он дар шароити муосир [Матн] / Ҷ.М. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – № 10. (2) – С.303-308. ISSN:2413-5151

2. Сафарзода Ҷ.М. Нақши воситаҳои иттилоотӣ дар сиёсат ва муносибатҳои сиёсӣ [Матн] / Ҷ.М. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. –№4. (2)– С. 291-297. ISSN: 2413-5151

3. Сафарзода Ҷ.М. Идоракунии сиёсӣ дар шароити амалишавии сиёсати иттилоотӣ ва консепсияи “ҳукумати электронӣ” [Матн] / Ҷ.М.Сафарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳоииҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. –№6. (2) –С.208-288.

ISSN: 2413-5151II. Мақола ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаи маводиконференсияҳо:

4. Сафарзода Ҷ.М. Амнияти иттилооти дар шароити нави дигаргуниҳои ҷомеа // Маводи Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Вазъият ва дурнамои амнияти иттилоотӣ дар ҶумҳурииТоҷикистон». (шаҳри Бохтар 13-14 июни соли 2025)-Бохтар: Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, 2025-С.134-139.

5. Сафарзода Ҷ.М. Киберҷиноятҳо ҳамчун заминаи амалҳои нави террористи дар шароити муосир // Маводи Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Вазъият ва дурнамои амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». (шаҳри Бохтар 13-14 июни соли 2025)-Бохтар: Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, 2025-С.249-254.185

6. Сафарзода Ҷ.М. Нақши сиёсати иттилоотии ҶумҳурииТоҷикистон дар системаи сиёсии ҷаҳонӣ // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии дар мавзуи «Мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон дарнизоми сиёсии олам». (шаҳри Душанбе 1 октябри соли 2025)-Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2025-С.423-438.

7. Сафарзода Ҷ.М. Хусусиятҳои асосии сиёсати иттилоотии давлат дар замони муосир // Маводи Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣдар мавзуи «Нақши инноватсия дар рақамикунонӣ дар таҳкими идоракунии давлатӣ: назария, амалӣ ва дурнамои рушд». (шаҳри Душанбе 14 октябрисоли 2025)-Душанбе: Академияи идоракунии давлатии назди ПрезидентиҶумҳурии Тоҷикистон, 2025-С.297-306

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ.** Барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад. Кор аз 185 саҳифаи матни компютерӣ иборат буда, дорои сохтори муназзам (муқаддима, 3 боб, 6 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва интишорот) мебошад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 176 номгӯй иборат аст, ки сарчашмаҳои муътамадро дар бар мегирад.

Матни диссертатсия бо забони илмӣ ва касбӣ навишта шуда, истилоҳоти сиёсатшиносӣ ба таври дуруст истифода шудаанд. Сохтори кор мантиқан пайваста буда, ҳар як боб ва зербоб ба ҳалли вазифаҳои гузошташуда нигаронида шудааст, ки ин барасмиятдарории сифатноки таҳқиқотро нишон медиҳад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1.Муаллиф масъалаҳои назариявии сиёсати иттилоотиро таҳлил намудааст, аммо баъзеи онҳо таҳлили амиқтарро талаб мекунанд.

2. Муаллиф зимни омӯзиши масъала аз адабиёти илмӣ ба таври васеъ истифода намудааст аммо дар рафти таҳқиқот доираи ками санадҳои меъёрии ҳуқуқиро истифода кардааст.

3. Дар зербоби якуми боби сеюм сухан дар бораи самаранокии идоракунӣ ва амалишавии иттилоотикунонӣ дар замони соҳибистиқлолӣ меравад. Муаллифро мебоист доир ба нақш ва мавқеи ниҳодҳое, ки дар амалишавии сиёсати иттилоотӣ дар замони соҳибистиқлолӣ таъсири бештар доштанд, маълумоти дақиқ пешниҳод менамуд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф «Сиёсати иттилоотӣ ҳамчун омили самаранокии идоракунӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ,** номзади илмҳои сиёсӣ (аз рӯйи ихтиоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ), дотсент, и.в. дотсенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — П. Нуриддин

Имзои П. Нуриддинро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Қодирзода С.

4.05.26

Суроғаи муқарриз:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Телефон: +992 (37) 224 13 83; E-mail: panurama@mail.ru